# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 15 майи соли 2021 №77 ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 тадқиқоти диссертатсионии Давлатов Диловар Сайфуллоевич дар мавзӯи: «Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Молия, гардиши пул ва қарз (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна, тақризи муассисаи пешбар, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид илм ва иноватсияи ДДҲБСТ Ризоқулов Туроқул Рабимқулович, номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шуъбаи шарҳи қонунгузории андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазиров Собир Зокирович, баромади аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои иқтисодӣ Ғаниев Т.Б., Одинаев Ҳ.А., Умаров Ҳ.У-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулоса, ки аз ҷониби Шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамият ва натиҷаҳои диссертатсияи Давлатов Диловар Сайфуллоевич , инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

Диссертатсияи Давлатов Диловар Сайфуллоевич, дар мавзӯи: «Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Молия, гардиши пул ва қарз ба талаботи пешбининамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

1. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.
2. Ба Давлатов Диловар Сайфуллоевич дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад.

3. Аз КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Давлатов Диловар Сайфуллоевичро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Кӣ ҷонибдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ аст, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул карда шуд.

Бо ҳамин, ҷаласаи Шӯро пӯшида эълон карда мешавад.

***Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,***
***доктори илмҳои иқтисодӣ,***
***профессор*** ***Исайнов Ҳ.Р.***

***Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,***
***номзади илмҳои иқтисодӣ,***
***дотсент*** ***Саидмуродова М.А.***

***15 майи соли 2021***